# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Нуралиева Дилафруз Камоловна дар мавзӯи “Ҷанбаҳои ташкилӣ – иқтисодии рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Нуралиева Дилафруз Камоловна соли 2012 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо дипломи аъло хамт намуда, пас аз он ба ҳайси корманд дар ҶСП “Спитамен Бонк” фаъолияти кориашро оғоз намудааст. Соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи кори бонкии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти илмиашро идома додааст.

Баъд аз шомил гардидан ба ҳайси унвонҷӯ ӯ ба корҳои илмӣ таҳқиқотии худ оғоз бахшида, масоили мубрами низмои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Таи солҳои унвонҷӯи маълум гардид, ки Нуралиева Д.К. нисбат ба худ серталаб мебошад ва аз ӯҳдаи вазифаҳои аз ҷониби роҳбар гузошташуда бо сарбаландӣ мебарояд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати таҳқиқоти амиқ ва такмили яке аз бахшҳои муҳими фаъолияти низоми бонкӣ, яъне хизматрасониҳои бонкӣ икдом гирифт. Пас аз муайян намудани самти таҳқиқоти илмӣ, унвонҷӯ Нуралиева Д.К. ба ҷамъоварии маълумотҳо оид ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул гардид. Дар рафти корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ уновонҷӯ имтиҳонҳои номзадиро бо муваффақият супорид ва диор ба мавзӯи диссертатсионии худ 9 мақола нашр намуд, ки 4 – тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Бояд тазаккур дод, ки ҷиҳати ноил гардидан ба мақсади гузошташудаи таҳқиқот ва иҷро намудани вазифаҳои рисола, унвонҷӯ аз адабиёти зиёди олимони ватанӣ ва хориҷӣ истифода намудааст, ки аз пажӯҳиши амиқи ӯ гувоҳӣ медиҳад. Илова ба ин, маълумотҳои омории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шудаанд, ки сифати рисоларо таҳким бахшидаанд.

Диссертатсия аз се боб иборат буда, дар боби якум масоили назариявии ташкил, сохтор ва моҳияти иқтисодии бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Гузашта аз ин, масъалаҳои идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, мушкилоти ҷойдошта дар ин самт ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳқиқ гардидааст. Зарурияти тақвияти истифодаи инноватсияҳо зимни пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо дида баромада шудааст, ки яке аз омилҳои муҳими рушди бозори хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Имконияти истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба идоракунии бозори хизматрасониҳои бонкӣ омӯзиш гардида, ҷанбаҳои муфиди он ҳамчун тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия бошад, ҳолати муосири бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, омилҳои тахсирбахш ба раванди фаъолияти бозори хизматрасониҳои бонкӣ муайн шудааст. Унвонҷӯ ба омилҳои таъсиррасонандаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ аҳамияти бештар дода, муайян кардааст, ки ба раванди фаъолияти ин бозор омилҳои дохилӣ ва берунӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Илова ба ин, дар боби дуюми рисола зарурияти тақвияти технологияи инноватсионӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ таҳлил гардида, тамоюли рушди истифодаи технологияи муосири бонкӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ гардидааст.

Боби сеюми диссертатсия масъалаҳои такимилдиҳӣ ва дурнамои рушди минбаъдаи бозори хизматрасониҳои бонкиро дарбар гирифтааст. Дар ин боб роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи бозори хизматрасониҳои бонкӣ пешниҳод карда шуда, татбиқи маҳсулоти нави бонкӣ дар бозор коркард гардида, стратегияи рушди бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Ба унвонҷӯ муяссар гардидааст, ки асосҳои назариявӣ – методологӣ ва амалии ташаккули бозори хизматрасониҳои бонкиро асоснок кунад ва тақвияти ҷанбаҳои ташкилӣ – иқтисодии бозори мазкурро коркард намояд, ки ин аз ноилгардӣ ба вазифаҳои гузоштташударо шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои ба дастомадаи диссертатсия дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Дар маҷмӯъ, метавонем қайд намоем, ки Нуралиева Дилафруз Камоловна аз ӯҳдаи иҷрои вазифаҳои гузошташуда бомуваффақият баромадааст ва диссертатсия кори анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои амалии бадастомада аз ҷониби унвонҷӯ мустақилона коркард карда шуда, тавсияҳои пешниҳодгардида метавонанд дар самаранокии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва рушду такомули бозори хизматрасониҳои бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмак намоянд.

Бояд қайд намоем, ки мазмун, мӯҳтаво ва сохтори диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, барои ҳимоя аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**пофессори кафедраи**
**баҳисобгирии муҳосибии ДМТ** **Собирзода Н.М.**

Имзои д.и.и., дотсент **Н.М. Собирзода**-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**